**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,**
**бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**
**д.и.и., профессор Шарифзода М.М.**
__________________________
**«24» ____11____ 2023.**

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба кори диссертатсионии Нурублоева Мадинабону Мавлоновна дар мавзӯи «Ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ дар минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст**

### I. Мубрамият ва аҳамияти мавзӯи интихобшуда

Баландбардории рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ ва таъмини рушди индустриалию инноватсионии он ба ташаккул ва инкишофи сохторҳои нави хоҷагидорӣ вобаста мебошад. Дар ин асос дар дурнамои рушди иқтисодиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он таъсиси кластерҳои ҳудудию саноатӣ ба сифати самти афзалиятдор эътироф шудааст. Дар ин замина бояд дар давраи миёнамуҳлат дар манотики кишвар тадбирҳо оид ба рушди инфрасохтор, мусоидат ба ташкили кластерҳои гуногун ва долонҳои иқтисодӣ ҳамчун “нуқтаҳои устувори рушд” амалӣ карда шаванд. Ғайр аз ин мавҷуд будани иқтидорҳои захиравӣ ҷиҳати бунёди кластерҳои истеҳсолии ба содирот нигаронидашуда дар минтақаҳои кишвар низ дорои аҳамияти стратегӣ буда, ташаккулдиҳии комплексҳои ҳудудию саноатӣ/кластерҳо (ҳудудҳои индустриализатсия ва ҳамгироии нав, минтақаҳои озоди иқтисодӣ, бизнес- инкубаторҳо, паркҳои технологӣ, маркази навовариҳо) ва рушди долонҳои иқтисодӣ ба сифати афзалиятҳои рушди минтақаҳо интихоб карда шудаанд.

Дар шароити муосир таъсиси кластерҳои ҳудудию саноатӣ имконият медиҳанд, ки рақобатпазирии минтақаҳо баланд бардошта шуда, дар ин замина амнияти иқтисодии кишвар таъмин карда шавад. Аз ин рӯ, бояд ҷиҳати ташкили кластерҳои ҳудудию саноатӣ шароити зарурӣ фароҳам оварда шуда, чунин сохторҳо дар соҳаи энергетика, саноат, нақлиётию логистика, озуқаворӣ ва таълимӣ, ки унсурҳои ҷудонопазири занҷирҳои мавҷудаи ҷаҳонӣ ва минтақавии арзиши иловашуда ва омили баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ мебошанд, шароит фароҳам оварда шавад.



Сканировано с CamScanner

Бо такя ба гуфтаҳои боло ҳаминро қайд менамоем, ки мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Нуруллоева М.М. мубрамбуда, дорои аҳамияти илмию ва амалӣ мебошад.

**II. Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда**

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқат мекунанд: 2. Тақсимоти ҳудудии захираҳои иқтисодӣ; ҷанбаҳои назариявӣ, методӣ ва амалии ҷойгиркунии корхонаҳо, фирмаҳои тиҷорати хурд ва миёна, кластерҳои иқтисодӣ, корхонаҳои бахши ҷамъиятӣ, хоҷагиҳои хонаводагӣ; 3. Ташкили ҳудудии иқтисодиёти миллӣ; ташаккулёбӣ, амалкард ва навсозии кластерҳои иқтисодӣ ва дигар низомҳои ҳудудию маҳаллии иқтисодӣ; 6. Иқтисодиёти ҳудудӣ. Вижагиҳои ҳудудии таъсисёбии низоми инноватсионии миллӣ. Проблемаҳои ташаккулёбии зернизомҳои инноватсионии минтақавӣ. Лоиҳаҳои инвеститсионии минтақавӣ: мақсад, объектҳо, захираҳо ва самаранокӣ; 16. Коркарди методологияи таҳлил ва методикаи арзёбии амалкарди сохторҳои корпоративӣ, тиҷорати хурду миёна, корхонаҳои бахши ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар минтақаҳо ва ноҳияҳои маъмурӣ. Проблемаҳои истифодаи оқилонаи дороиҳои моддӣ ва ғайримоддии минтақаҳо – захираҳои табиӣ, пойгоҳи моддию техникӣ, сармояи инсонӣ ва ғ.; 19. Самаранокии истифодаи омилҳои истеҳсолот дар рушди иқтисодиёти минтақавӣ. Қонуниятҳо ва хусусиятҳои ташкил ва идоракунии сохторҳои иқтисодӣ дар минтақаҳо. Бартариҳои мутлақ ва нисбии кластерҳои иқтисодии минтақавӣ; 23. Механизми ҳудудии инкишофи тиҷорати хурд ва соҳибкории хусусӣ дар мезосатҳ. Проблемаҳои баланд бардоштани самаранокии соҳибкории хурду миёна дар минтақаҳо. Стратегияи ташаккулёбӣ ва рушди низоми соҳибкорӣ дар бахшҳо ва соҳаҳои иқтисодиёти минтақавӣ.

**III. Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он**

Кори диссертатсионӣ фарогири таҳқиқоти муҳим буда, дар он масъалаҳои мубрами ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ таҳқиқ ва роҳҳои ҳалли масъалаи илмӣ асоснок карда шудааст. Саҳми илмии довталаби дараҷаи илмӣ дар он ифода меёбад, ки ҳангоми таҳқиқот аз сарчашмаҳои боэътимоди назариявӣ ва омории дахлдор истифода намуда, роҳҳои асосии ташкил ва рушди кластерҳои ҳудудию саноатиро муайян кардааст. Натиҷаҳои илмӣ ва амалии ба дастомада дар ҳалли проблемаи илмӣ, аз он ҷумла назарияи кластерҳои ҳудудию саноатӣ, методологияи таъсиси онҳо, ташхиси омилҳои таъсиррасон,



Сканировано с CamScanner

тақвияти чораҳои институтсионалӣ ва баландбардории самаранокии корхонаҳои хурду миёна дар асосои кластерикунонии онҳо нақши калон доранд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиётҳои истифодашуда иборат буда, муҳтавои кор дар 175 саҳифаи матни компютерӣ баён гардидааст, ки шомили 18 ҷадвал ва 15 расм мебошад. Феҳристи адабиёти истифодашуда 140 номгӯй сарчашмаҳои мавриди истифода қароргирифтаро дар бар мегирад.

Дар муқаддима, мубрамияти мавзуи кори диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи он арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, муаррифии натиҷаҳои таҳқиқот дар чорабиниҳои илмӣ пешниҳод карда шудаанд.

Дар боби якум - **«Асосҳои назариявию методологии таъсиси кластерҳои ҳудудию саноатӣ дар минтақа»** марҳилаҳои ташаккули консепсияҳои кластерикунонии саноати минтақа, методология, принсипҳои ташкили кластерҳои ҳудудию саноатӣ ва таҷрибаи хориҷии дастгирӣ ва рушди кластерҳои ҳудудию саноатӣ таҳқиқ карда шудааст.

Дар қисмати назариявии таҳқиқот назарияҳои кластер таҳқиқ карда шуда, таърифҳои мавҷудаи кластер ҷамъоварӣ ва таҳлил карда шудааст. Таҳқиқи заминаҳои ташаккул ва рушди назарияи кластерҳои ҳудудию саноатӣ нишод додааст, ки дар марҳилаҳои алоҳида ба мазмуни он тағйиротҳои назаррас илова карда шудааст. Дар кори диссертатсионӣ марҳилаҳои ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ даврабандӣ шудааст (саҳ. 26-27). Дар асоси таҳқиқоти анҷомшуда муаллиф дуруст қайд менамояд, ки кластери ҳудудию-саноатӣ консепсияест, ки ба ҳамкории корхонаҳои истеҳсолии дар ҳудуди муайян ҷойгиршуда асос ёфтааст.

Муаллиф дар таҳқиқот исбот намудааст, ки дар адабиёти илмӣ консепсияҳои илмие, ки стратегияи рушди системаҳои иқтисодӣ дар асоси сохтани кластерҳои ҳудудию саноатиро асоснок мегардонанд, қариб ки мавҷуд нестанд. Вобаста ба ин методологияи ташаккул ва рушди кластерҳои саноатӣ таҳия карда шуда, татбиқи самараноки он ба таъсиси кластерҳои саноатӣ муайян карда шудааст. Аз ин рӯ, дар диссертатсия бо истифода аз равиши системавӣ-синергетикӣ ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ мушаххас шудааст (саҳ. 35-36). Дар кори диссертатсионӣ исбот гардидааст, ки таъмини ҳамкории самарабахши дохили кластер татбиқи маҷмуи принсипҳои асосиро дар бар мегирад, ки иштирокчиёни кластер бояд риоя кунанд (саҳ. 38-40). Муаллиф дар асоси таҳқиқоти анҷомшуда, аз он ҷумла таҳқиқи назария,



Сканировано с CamScanner

методология ва принсипҳои асосии ташкили кластерҳои ҳудудию саноатӣ ва бо назардошти заминаҳои институтсионалиии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудбуда методологияи зерини кластерҳои ҳудудию саноатиро пешниҳод намудааст (саҳ.40-43).

Дар кори диссертатсионӣ ҳамчунин таҷрибаи хориҷӣ таҳлил шуда, дар асоси пешниҳод шудааст, ки барои фаъолияти кластерҳо шароити мусоид мавҷуд аст. Ташаббуси таъсиси кластер дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи модели иштироки давлат бо сабабҳои вобаста ба хусусиятҳои минтақавӣ, мавҷудияти долонҳои нақлиётӣ ва вазъи иҷтимоию сиёсӣ имконнопазир аст.

Дар боби дуюм **"Таҳлили саноати минтақа ва арзёбии заминаҳои ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ дар вилояти Суғд"** ҳолати муосир ва тамоюлҳои рушди истеҳсолоти саноатӣ дар минтақа, арзёбии иқтидори ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ ва омилҳои ба ташккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ таъсиррасон таҳлил ва анҷом дода шудааст.

Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки дар низоми иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон вилояти Суғд аз нигоҳи рушди истеҳсолоти саноатӣ дар ҷойи аввал қарор гирифта, солҳои охир рушди истеҳсолоти саноатӣ дар вилоят тамоюли мусбӣ дорад. Бо назардошти тамоюли солҳои охир ҳаминро қайд менамоем, ки вилояти Суғд аз ҷиҳати технологӣ нисбат ба дигар минтақаҳои кишвар пешсаф буда, ҳамчунин дорои иқтидорӣ саноатии калон мебошад. Муаллиф дар асоси таҳлили нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд дар солҳои 2016-2022, динамикаи рушди истеҳсолоти саноатӣ дар вилояти Суғд дар солҳои 2016-2022 ва дигар нишондиҳандаҳои дахлдори соҳа исбот намудааст, ки дар минтақа иқтидори таъсиси кластерҳои ҳудудию саноатӣ мавҷуд мебошад.

Дар кори диссертатсионӣ исбот карда шудааст, ки яке аз ҳудудҳои дорои иқтидори бузурги саноатӣ ин водии Зарафшони вилояти Суғд мебошад, ки ба он шаҳри Панҷакент ва ноҳияҳои Айниву Кӯҳистони Масчоҳ шомил мебошанд. Муаллиф дар асоси таҳлили вазъи муосир ва иқтидори табиию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои мазкур нишон дод, ки дар минтақа бунёди сохторҳои кластерӣ имконпазир ва мувофиқи мақсадро асоснок намудааст, ки дорои аҳамияти муҳими амалӣ мебошад (саҳ. 80-83).

Дастоварди муҳими дигар ин таҳияи нақшаи арзёбии иқтидори кластерикунонии иқтисодиёти минтақа (саҳ. 82) ба ҳисоб меравад, ки дар он методикаи муаллифӣ пешниҳод гардидааст. Ҳангоми таҳқиқи омилҳои ба ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ



Сканировано с CamScanner

таъсиррасон муаллиф самараи кластерикунонии минтақаро ошкор намудааст, ки фарогири самараи миқёс мебошад (саҳ. 93). Вобаста ба самараи кластерикунонӣ омилҳои ба ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ таъсиррасон гурӯҳбандӣ карда шуда (саҳ.94), SWOT-таҳлили арзёбии иқтидори кластеризатсияи минтақа анҷом дода шудааст (саҳ. 94).

Дар боби сеюми кори диссертатсионӣ **"Самтҳои асосии ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ дар вилояти Суғд"** самтҳои асосии такмили асосҳои ташкилию иқтисодии ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ дар минтақа, модели кластери ҳудудию саноатии Зарафшон ва самтҳои таъмини рушди корхонаҳои хурду миёна дар асоси кластерикунонии онҳо муайян карда шудааст.

Дар боби сеюми кори диссертатсионӣ исбот шудааст, ки ташаккул ва вусъат додани кластерҳои ҳудудию саноатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун усули самараноки таъмини рушди устувори минтақаҳо ба ҳисоб меравад. Вале чи тавре қаблан низ қайд шуда буд сохторҳои кластерӣ то ба ҳол дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода нашудааст. Аз ин рӯ, дар ин боб таъкид шудааст, ки барои асосноккунии механизмҳои ташкилию иқтисодии таъсис ва рушди кластерҳои ҳудудию саноатӣ бояд ба хусусиятҳои хоси онҳо таваҷҷуҳи асосӣ зоҳир карда шавад (саҳ. 104-106). Дар диссертатсия шаклҳои асосии дастгирии давлатии фаъолияти инноватсиониву технологии кластерҳои саноати хӯрокворӣ нишон дода шудаанд.

Дар асоси омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ алгоритми ташкили кластерҳои саноатиро дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, ки имкон медиҳад системаи тадбирҳо ва амалҳои пайдарпай барои эҷоди кластери саноатӣ ба тартиб даровард шаванд. Дар натиҷаи таҳқиқоти анҷомшуда модели кластери ҳудудию саноатии минтақа дар мисоли водии Зарафшони вилояти Суғд таҳия ва пешниҳод карда шудааст (саҳ. 126-129). Инчунин марҳилаҳои таъсиси кластери ҳудудию саноатии "Зарафшон", аз он ҷумла марҳилаҳо, мазмун, натиҷа ва масъулони татбиқи ташаббуси кластериро ба таври схемавӣ пешниҳод шудааст (саҳ. 130-133).

Таҳқиқоти анҷомдода исбот намудааст, ки яке аз усулҳое баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ ин кластеризатсияи онҳо мебошад. Дар ин асоси таъсири кластеризатзия ва фаъолияти корхонаҳои хурду миёна гурӯҳбандӣ карда шудааст (саҳ. 139-140).

Дар **хулоса** натиҷаҳои асосии илмӣ ва тавсияҳои хусусияти амалидошта оварда шудаанд.



Сканировано с CamScanner

Таҳлили кори диссертатсионии тақризшаванда нишон медиҳад, ки натичаҳои ба дастомада дорои аҳамияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ мебошанд. Дарачаи эътимоднокии натичаҳои таҳқиқот бо гузаронидани тачрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳачми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натичаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Дар таҳқиқоти анчомдодашуда масъалаҳои мубрами ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ таҳлил гардида, тавассути маълумотҳои дақиқи соҳавӣ асоснок карда шуда, пайдарпайии таҳқиқи назария, методология ва амалия дар сатҳи зарурӣ арзёбӣ гардидаанд. Ҳамчунин тамоми масъалаҳо ва пешниҳодҳо бо далелу рақамҳои оморӣ, ҳисоботи вазорату идораҳои дахлдор вобаста ба мавзуи таҳқиқгардида асоснок карда шудаанд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натичаи таҳқиқоти назариявӣ ва тачрибавӣ, асос меёбанд.

**IV. Натичаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дарачаи илмии дархостшаванда додан мумкин аст**

Навгонии таҳқиқоти илмиро асоснок намудани чанбаҳои назариявию методологии ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ дар минтақа чиҳати тақвияти тачрибаи неоиндустриализатсияи иқтисодиёти минтақа ва баланд бардоштани рақобатпазирии он ташкил медиҳад. Унсурҳои асосии навгонии илмӣ инҳоянд:

- назария ва равишҳои назариявии таҳқиқи кластерҳои ҳудудию саноатӣ дақиқ ва такмил дода шуда, афзалият ва бартариятҳои кластерикунонии истеҳсолоти ҳудудию саноатӣ исбот карда шуда, ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ – ҳамчун самти бартаридоштаи рушди низоми иқтисодиву ичтимоии минтақа эътироф карда шудааст (саҳ. 14-29);

- исбот карда шудааст, ки кластерҳои ҳудудию саноатӣ ҳамчун механизми неоиндустриализатсияи иқтисодиёти минтақа баромад намуда, дар ин замина барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо, сатҳи рақобатпазирии минтақа, чолибияти сармоягузорӣ, тақвияти фаъолияти инноватсионӣ ва рушди устувори он шароит фароҳам месозад (саҳ. 30-45);

- дар заминаи таҳлили ҳолати муосир ва заминаҳои иқтисодиву ичтимоии татбиқи ташаббусҳои кластерӣ дар сатҳи минтақа омилҳои ба ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноати таъсиррасон гурӯҳбандӣ карда шуда, иқтидори соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти минтақа ошкор ва имконияти таъсиси кластерҳои ҳудудию саноатӣ баррасӣ карда шудааст (саҳ. 61-102);



Сканировано с CamScanner

- самтҳои стратегии такмили асосҳои институтсионалӣ ва ташкилию иқтисодии ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ ошкор карда шуда, ҷиҳати танзими шароити мусоиди рушд маҷмуи чорабиниҳо таҳия, механизми татбиқи онҳо коркард ва алгоритми таъсиси кластерҳои ҳудудию саноатӣ пешниҳод карда шудааст (саҳ. 103-118);

- модели кластери ҳудудию саноатии "Зарафшон" таҳия карда шуда, дар асоси омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ самтҳои стратегии инкишофи он муайян карда шудааст, ки фарогири унсурҳои институтсионалӣ, инноватсионию инвеститсионӣ ва ташкилию иқтисодӣ мебошад (саҳ. 119-134);

- кластерикунонии корхонаҳои хурду миёнаи саноатии минтақа илман асоснок карда шуда, пешниҳод шудааст, ки дар заминаи муттаҳидсозии корхонаҳои хурду миёна кластери ҳудудию саноатии минтақавӣ таъсис дода шуда, дар ин замина фаъолияти инноватсионии онҳо тақвият дода шавад (саҳ. 135-150).

Аҳамияти назариявӣ ва амалии кори диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки истифодаи амалии тавсияҳои коркардшуда имконият медиҳанд, ки маҷмӯи чорабиниҳои аввалиндараҷа оид ба ташкиш ва дастгирии рушди кластерҳои ҳудудию саноатӣ дар минтақа татбиқ карда шаванд. Муқарраароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми таҳияи сиёсати минтақавии рушди кластерҳои ҳудудию саноатӣ метавонанд истифода шаванд.

**V. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ**

Таҳқиқоти диссертатсионии Нуруллоева Мадинабону Мавлоновна ба таҳқиқи масъалаҳои мубрами ташаккул ва рушди кластерҳои ҳудудию-саноатӣ дар минтақа бахшида шуда, дар он самтҳои асосии ташаккули чунин сохторҳо пешниҳод карда шудааст. Давраи таҳқиқот солҳои 2018-2023 дар бар гирифта, натиҷаҳои бадастомада дар сатҳи зарурӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда чоп шудаанд.

Вобаста ба таҳқиқоти диссертатсионӣ 15 кори илмӣ, аз ҷумла 5 - тои он дар маҷаллаҳои шомили феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 4,7 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Автореферат ва корҳои илмии муаллиф муҳтавои асосии таҳқиқоти анҷомшударо инъикос менамоянд.

**IV. Эродҳо нисбат ба кори диссертатсионӣ**

Дар кори диссертатсионӣ баъзе камбудӣ ва норасогиҳо ба чашм мерасанд, ки инҳо мебошанд:

- дар кори диссертатсионӣ муаллиф ба он таваҷҷуҳ намудааст, ки ташкили кластерҳои ҳудудию саноатӣ ба баландбардории



Сканировано с CamScanner

рақобатпазирии минтақа мусоидат мекунад, вале чи гуна ва дар заминаи кадом афзалиятҳо пурра асоснок карда нашудааст;

- аз рӯйи натиҷаи таҳқиқот муаллиф ба хулоса омадааст, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсиси кластерҳо бояд бо иштирок ва дастгирии бевоситаи давлат амалӣ карда шавад, аммо дар ин маврид вазифаҳои мақомотҳои марказӣ ва минтақавии идоракунии давлатӣ ҷудо карда нашудаанд;

- муаллиф дар параграфи 2.1. ва 2.2. қайд мекунад, ки дар вилояти Суғд барои таъсиси кластерҳои ҳудудию саноатӣ иқтидори зарурӣ мавҷуд мебошад, вале барои чӣ то ба ҳол чунин сохторҳо дар вилоят таъсис дода нашудаанд ва дар ин самт чи мушкилиҳо мавҷуд аст далели амиқ оварда нашудааст;

- дар кори диссертатсионӣ масъалаҳои таъминоти кадрӣ ва нақши инфрасохтори инноватсионӣ дар ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ нашуда, ҳамчунин шабакаҳои мавҷудаи ҳамкорӣ дар саноати минтақа аз доираи таҳқиқот берун мондааст;

- пешниҳоди муаллиф дар мавриди таъсиси кластери ҳудудию саноатии "Зарафшон" дар водии Зарафшони вилояти Суғд дорои аҳамияти муҳими амалӣ ва стратегӣ мебошад, аммо сарчашмаҳои сармоягузории ташаббуси кластерӣ, ки ба андешаи мо муҳиммияти хос доранд, муайян карда нашудаанд;

- дар матни кори диссертатсионӣ камбудиҳои имлоӣ ва техникӣ низ дида мешаванд.

Камбудӣ ва эродҳои дар боло овардашуда хусусияти тавсиявӣ дошта, асоснокӣ, эътимоднокӣ ва навоварии кори диссертатсиониро коҳиш намедиҳанд.

**V. Мутобиқати диссертатсия ба талабот нисбати барасмиятдарории он мувофиқи меъёрҳои "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ"-и КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Кори диссертатсионии Нурублоева М.М. кори анҷомшудаи илмию тахассусӣ буда, дорои навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои эътимоднок мебошад ва ба талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

Кори диссертатсионӣ аз рӯйи сохтор, таркиби бобҳо, мазмун ва мантиқ ба талабот ҷавобгӯй буда, натиҷаҳои ба дастомада дар тавсеаи асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ дар минтақа саҳми калон доранд.



Сканировано с CamScanner

Хулоса, кори диссертатсионии Нурублоева М.М. дар мавзӯи «Ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ дар минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он – Нурублоева Мадинабону Мавлоновна сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси дархостшаванда мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст.

Натиҷаи овоздиҳӣ аз рӯйи тасдиқи тақризи муассисаи пешбар: тарафдор - 12 нафар; зид –нест; бетараф – нест (Протоколи № 5 аз 23.11.2023).

**Раиси ҷаласа, мудири кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақа н.и.и., дотсент** — **Қаюмов Ф.Ғ.**

**Лоиҳаи тақризро омода намуд: н.и.и., дотсент** — **Хоҷаева Д.А.**

**Котиби ҷаласа н.и.и., дотсент** — **Ҷураев Ф.М.**

Имзоҳои Қаюмов Ф.Ғ., Хоҷаева Д.А. ва Ҷураев Ф.М.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ____________Мирпоччоев И.Ҳ.

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, маҳаллаи 17, хонаи 1.ДДҲБСТ, тел: +992 (3422) 2 38 11



Сканировано с CamScanner